Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آوازتاجيك

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РЎЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ЎЗБЕКИСТОН

14 августи соли 2002. Чоршанбе № 62 (12804)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 17.30 имзо гардид.

*Истиқлол дар тақдири ман*

## Раҳмони Даврон-кордони замон



Ўро одатест чунин: хоҳ пиёда бошаду хоҳ савора ҳаракаташ аз дигарон зудтар. Салобати ба худ хосаш ӯро дар кӯчаҳои Самарқанд сарбаланд менамояд.

Касе, ки ӯро бори аввал мебинад, гумон мекунад, ки вай як марди саросемакор асту бас.

Дар асл, ӯ марди зиндадилу кордонест. Раҳмон Давронов баробари кордонӣ дар сар андешаҳои пухтаву сара мепарварад. Қалбаш хонаи меҳру муҳаббати Ватан-Модар аст. Назари ӯ ба атрофиёнаш хайрхоҳона ва некбинона аст. Аз ин рӯ, атрофиён низ ба ӯ меҳри зиёда доранд. Дар ҳар як маҷлису маърака баробари ӯро дидан бо камоли эҳтиром истиқболаш мегиранд. Зеро халқи гавҳаршинос хуб медонад, ки ин озодмард барои ободиву шӯҳрати волои зодгоҳаш камари ҳиммат бастааст.

Раҳмон Давронов марди роҳ аст. Бештарини лаҳзаҳои умраш дар роҳҳо паси сар мешаванд. Бисёр мешавад, ки ба хонааш баъди ғуруби офтоб расида ояд.

Рӯзе аҳли байташ хабар расониданд, ки ӯро аз ҳокимияти ноҳия мепурсанд. Раҳмон Давронов баробари шунидани ин хабар зуд дарк намуд, ки ӯро худи ҳокими ноҳия, намояндаи халқ дар Маҷлиси Олӣ Раҳима Ҳакимова интизор аст.

**(Лавҳа)**

Субҳи рӯзи дигар ба қабули ҳокими ноҳия ҳозир шуд.—Раҳмонака, агарчӣ Шумо марди хоксореду корҳои савобатонро руст карданӣ мешавед, ҳамаашро мо медонем, сухан оғоз намуд, ҳокима ва афзуд,- ҳатто аз нақшаҳои наватон ҳам бохабарем. Мақсад аз даъватамон ҳам ҳамин масъала аст. Гӯед, ки барои бунёди тарабгоҳ аз мо чӣ хизмат?!

—Ойтимулло, маро дар хиҷолат гузоштед. Ман ҳоло бо роҳбарони масъули маҳалла дар атрофи ин масъала гуфтугузор дорам. Ҳамин, ки маслиҳатамон пухт, корро сар мекунем. Муаммоҳоятон бе ин ҳам бисёр, шуморо овора накунем гуфта...

— Не, Раҳмонака баръакс, ман аз номи халқ аз шумо тайёр гардидани тарабгоҳро мепурсам. Дар ин деҳа чунин манзил лозим. Бояд аз он ҷо овози шодӣ, нишот, чангу чағони тӯйи мардум бароянд. Илтимос, корро тезонед. Дар ҷои мувофиқ бинои базебу қашанге лозим...

—Ҳаракат мекунем, ойтимулло, албатта ҳаракат мекунем. Барои эътиборатон ташаккур! Бо табъи болида аз қабули ҳокими ноҳия баромада, ба кор часпид. Дар зодгоҳаш миёнҷои деҳаи Қамчинон- маркази чорроҳае, ки деҳаи Хоҷа Кафшерро бо идораи хоҷагии ширкатии «Мароқанд», деҳаи «Оқмасҷид»-ро бо деҳаи Дашти Сӯхта мепайвандад, ҷои мувофиқе интихоб кард. Ва бо кӯшишу ғайрати зиёд тарабгоҳи барҳаво, саҳни зебо бунёд гардид. Сохтмон ба охир расиду масъалаи номгузорӣ ба миён омад. Ҳама ҳар чиз мегуфтанд. Аксарият Раҳмон Давроновро розӣ кунониданӣ мешуданд, ки ба тарабхона номи худашро гузорад.

—Не! Аз рӯи одаташ бо қатъият ҷавоб дод, Давронов, ки нишони баланди хоксории ӯ буд. Номи тарабгоҳро бошад, «Қамчинон» мондан айни муддаост.

Дар қаъри хоки зодгоҳи азизаш, орзуву ормони падару бобоҳо, модару хоҳарон нуҳуфтааст. Дар ҳавояш насли наврас парвариш меёбанд. Ба ҳурмати гузаштагону ояндагон номи «Қамчинон»-ро ба тарабгоҳ, ки дар остонаи деҳа қад афрохтааст, медиҳем... Баъди шунидани суханҳои таҳдори Р. Давронов ҳама ҳамақидаи вай шуданд.

Тарабгоҳ дар арафаи кушоиш асту Раҳмон Давронов ба ҳокими ноҳия арзи сипос дорад. «Агар Раҳима Ҳакимова корро наметезониданд, шояд ба ин тариқ зуд ба мақсад намерасидем», андеша меронад вай.

Аммо ҳеҷ гоҳ аз серташвишии худ ба касе шиква намекунад. Бо камоли хоксорӣ ҳарф мезанад. намегӯяд, ки дар давоми 60-соли умраш тавассути зудрафториву камгуфторӣ ва хоксориву серҳаракатиаш ба муваффақиятҳо соҳиб гардидааст. Инак, ҳасби ҳоли ӯ:

Раҳмон Давронов соли 1942 таваллуд ёфтааст. падараш Даврон Маъдиев (руҳаш шод бод) дар ҷанги дуюми ҷаҳонӣ шаҳид шудааст. Ва тарбияи ӯву хоҳару додаронаш ба зиммаи модари муштипараш Сабоҳат Ҷалиловаи деҳқонзан, узви фаъоли хоҷагии ҷамоатии «Ленин байроғӣ» (ҳоло «Мароқанд») монда буд. Модар баробари дигар фарзандон ба Раҳмонҷони худ тарбияи хуб дод. Мактабҳои рақами 47 ва 16-ро хатм кунонид. Ва соли 1960 ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ гусел карда, соли 1963 пешвоз гирифт.

Пас аз адои хизмат ҳамроҳи бародархонди худ Ҷаббор Тешаев роҳи идораи хоҷагии оби вилоятро пеш гирифта, ба иҷрои вазифаи механизатор-экскаваторчӣ шурӯъ кард.

Дар муддати кӯтоҳ чун корманди фаъол ном баровард. Роҳбари ҳамонвақтаи ташкилоти номбурда Исмоил Ҳакимович Ҷӯрабеков аз ӯ ризо буд. Раҳмон дар ҳама ҷо хизмати ҳалол мекарду ном мебаровард. Дури халқро наздик, вазнинашро сабук менамуд. Аз ин ҷост, ки халқи ноҳияи Роҳи оҳан ду бор депутати Шӯрои шаҳрӣ интихоб карданд.

Баъдан, ба идораи хизмати маишии вилоят ба кор омада ба устои сангтарош Тофеъ акаву Облоқулака шогирд шуд. Бо сарварии устоди азизаш Ғаффор Сатторович Ҳамдамов, ки он вақтҳо роҳбари шӯъбаи «Ёдгор»-и хизмати маишии вилоят буд, бисёр чизҳоро омӯхт. Аввал худ шогирд буду сипас, чун устод ба ҷавонони зиёд чун Санъатҷону Солеҳҷон, Расулҷону Бақоҷон ва Шавкатҷону Содиқҷон асрори ҳунар омӯхт.

Баъди эълон гардидани Қарори Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ўзбекистон бо имзои Президенти мӯҳтарамамон Ислом Каримов дар бораи таъсиси хоҷагиҳои деҳқониву фермерӣ Раҳмон Давронов низ аз ҳисоби дашти Илонсой 15 гектар замин ҷудо намуда, хоҷагии деҳқониву фермерии «Азиз»-ро таъсис дод.

Ва аз ҳисоби даромади ин хоҷагии оилавӣ тарабгоҳи «Қамчинон» барпо мегардад.

Раҳмон Давронов мухлиси доимии санъату адабиёт аст. Бо шоиру нависандагон ва ҳофизони номӣ чун ҳунарпешаи мардумии собиқ ИҶШС, номзади мукофоти давлатии Тоҷикистон ба номи Рӯдакӣ-Ҷӯрабек Муродов, ҳунарпешаи халқии Ўзбекистон, соҳиби овози нотакрор Шералӣ Ҷӯраев робитаи дӯстии абадӣ дорад.

Хизматҳои Раҳмон Давроновро ҳукумат бо ордену медал ва ифтихорномаҳои гуногун тақдир гардонидааст. Дар сари ҳамаи мукофотҳояш Ифтихорномаи Президенти мамлакатамон Ислом Каримов меистад.

Ў баробари роҳбари пурдон будан, падари бузургвор, такягоҳи як хонадони обод аст.

Ҳамроҳи ҳамсари азизаш Мунаввар Халилова панҷ нафар фарзандонро чун шахсони муносиби замон тарбия намуд. Онҳо бобову бибии 11-нафар набераанд. Фарзандонашон Мусаввара Давронова директори мактаби миёнаи рақами 47-и ноҳияи Самарқанд, Аҳрор Давронов роҳбари хоҷагии деҳқониву фермерии «Азиз«, Камол Давронов корманди масъули прокуратураи ноҳияи Самарқанд, Анвар Давронов тадбиркор, Муҳаббат Давронова соҳибхоназан мебошанд.

Бале, Раҳмон Давронов марди чолок асту ҳамакор. Ин хислаташ ба дили бинанда ҳисси нобовариро ба 60-солагии ӯ бедор мекунад. Чашми бадхоҳ аз ӯ дур гардаду ҳамеша қадаш чун навниҳолон рост ва кораш муваффақиятнок бод!

Мо ба қавли мардум «Марди кордони замон Раҳмони Даврон»-ро бо 60-солагии умри азизаш муборакбод гуфта, ин байти шоирро армуғон медорем:

*Сарат сабзу рухат зебо, вуҷудат бебало бодо,*
*Ба ҳар ҷое қадам монӣ, нигаҳбонат Худо бодо!*

**Акбар УСМОНОВ,**
**Ғафурҷон МАҲМУДОВ.**

**Дар акс: Маҷмӯи «Қамчинон».**




## Пазирой дар қароргоҳи Оқсарой

Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ислом Каримов 9 август дар қароргоҳи Оқсарой ҷонишини раиси Кумитаи муттаҳидаи сарварони штабҳои Қувваҳои Мусаллаҳи ИМА Питер Пейсро пазируфт.

Ҳангоми мулоқот сардари мамлакатамон оид ба собитқадамона инкишоф ёфтани муносибатҳои Ўзбекистон ва ИМА қаноатмандии худро баён кард.

—Байни Ўзбекистон ва ИМА ба имзо расидани Эъломия дар бораи шарикии стратегӣ ва асосҳои ҳамкорӣ омили муҳим дар роҳи пурсамарии ҳамкорӣ аст,—гуфт Ислом Каримов.—Ҳуҷҷати мазкур ҳамчунин ба зиммаи ҳар ду давлат масъулияти калонро мегузорад. Аҳамияти ҳуҷҷати мазкур дар он зоҳир мегардад, ки дар он вусъат додани ҳамкорӣ на танҳо дар соҳаи ҳарбиву техникӣ, балки иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар соҳаҳо пешбинӣ гардидааст.

Дар рафти сӯҳбат оид ба масъалаҳои алоқаманди амнияти минтақавӣ, мубориза ба муқобили терроризми байналхалқӣ, рушди минбаъдаи ҳамкории ҳарбиву техникӣ байни ду давлат, ҳамчунин дигар масъалаҳое мубодилаи афкор ба амал омад, ки ҷонибҳо ба он майлу шавқ доштанд.

**(ЎзА).**

**Пеш аз иҷлосияи 1Х Олий Маҷлис**

## Бешак ба тартиб меафтад

Тасаввур кунед: филми хуберо тамошо мекунед ва ё ҳофизи дӯстдоштаатон суруди тахи дили шуморо месарояд. Якбора он канда мешаваду ҷояшро рекламаи ин ё он маҳсулот ва ё воқеае мегирад, ки дар вақтҳои наздик рух медиҳад. Албатта, кас худро ноҳинҷор ҳис мекунад, асабаш вайрон мегардад. Агар он бо овози ниҳоят баланд пахш гардад, дар он сурат ба худ савол доданатон муқаррар аст: чаро ин қадар баланд мемонанд?

Ва барои аз байн бардоштани ҳамин қабил ҳодисаҳо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурияти Ўзбекистон «Дар хусуси даровардани тағйироту иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурияти Ўзбекистон «Дар бораи реклама» нигаронда шудааст, ки мебояд вакилони халқ онро ҳаматарафа муҳокимаву фикру мулоҳизаҳояшонро баён карда, қабул намоянд.

Дар ин ҷо саволи ҳаққонӣ ҳам ба байн омаданаш мумкин аст: то ҳол Қонун «Дар бораи реклама» буд-ку? Оё он басанда нест?

Гап дар сари ҳамин мебошад, ки қонуни мазкур моҳи декабри соли 1998 қабул гардида, дар бобати ба тартиб андохтани реклама саҳми муносиби худро гузошт. Дар ин фурсат дар ҳаёти маънавиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву сиёсии мамлакат бисёр тағйиротҳои мусбӣ рух доданд. Ва он тақозо дорад, ки мувофиқи ана ҳамин дигаргунсозиҳо ба қонун тағйироту иловаҳо дохил карда шаванд. Дар айни замон сарвари давлатамон дар маҷлиси Девони Вазирон бахшида ба натиҷаҳои нимсолаи соли 2002 ва вазифаҳои минбаъда 18 июли соли ҷорӣ вазифаи куллан тағйир додани муносибатро ба реклама баён карданд ва мутасаддиёни ин соҳаро, дар зери тозиёнаи танқид гирифтанд, ки чаро рекламаи маҳсулоти хориҷа бисёр асту маҳсули дасти корхонаҳои ҷумҳурият аҳён-аҳён ба назар мерасад.

Чуноне ки дар боло зикр намудем, дар ҳаёти маънавиву иҷтимоиамон тағйиротҳои мусбӣ рух доданд ва онҳо тақозо доранд, ки ба бисёр қонунҳоямон тағйироту иловаҳо дохил карда бо қоида, мафҳуму истилоҳҳое пурра гардонда шаванд, ҷавобгӯйи даврy замон бошанд. Аз ин нуқтаи назар ба лоиҳаи Қонун «Дар бораи реклама» ҳам мафҳумҳо оиди нишони мол, нишони хизматрасонӣ ва технология ҳам дохил гаштаанд. Дар қонуни пештара реклама маънои танҳо тарғиб кардани ин ё он маҳсулотро дошт. Дар таҳрири нав бошад, ашёи хоми ба маҳсулот зарурӣ ҳам ҳамчун реклама кардани он фаҳмида мешавад.

Дар лоиҳаи қонуни нав ба масъалаи рекламаи тамоку ва маҳсулоти тамоку диққату эътибори ҷиддӣ нигаронда, манъкунии он пеш гузошта шудааст. Чунки мувофиқи қонуни пештара тавассути телевизор ва радио аз соати 22.00 то 7.00 реклама кардани маҳсулоти тамоку рухсат дода шуда буд. Дар дигар воситаҳои ахбори оммавӣ масалан, дар рӯзномаву маҷаллаҳо аз саҳифаҳои аввал ҷой нагирифтани онҳо нишон дода шуда буд. Дар лоиҳаи қонуни нав он тамоман манъ карда мешавад.

Баробари ин дар лоиҳаи қонуни нав нисбати дигар барномаҳо бо овози баланду пурғулғула эълон кардани реклама ҳам манъ гардидааст, ки аҳамияти калон дорад.

Лоиҳаи қонуни нав ҳамчунин рекламаи берунаро ҳам ба тартиб меандозад. Яъне ҳолати мувофиқи хости худ дар ҷои дилхоҳ овезон кардани рекламаро манъ мекунад. Ҳамчунин маҳдуд сохтани рекламаи нӯшокиҳои спиртдор ҳам пешбинӣ гардидаанд, ки то 28 дараҷа мебошанд. Баробари ин тавассути воситаҳои нақлиёт ва дигар василаҳо реклама кардани тамоку қатъан манъ мегардад.

Ва он бесабаб нест. Дар бисёр мамлакатҳои ҷаҳон рекламаи тамоку ва маҳсулоти тамокуро қатъан манъ кардаанд. Азбаски Ўзбекистон ҳам аз ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷои муносиби худро ёфтааст, низ мебояд ба меъёру қоидаҳои аз ҷониби умум эътирофгардида риоя кунад. Ва лоиҳаи Қонун «Дар хусуси даровардани тағйироту иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурияти Ўзбекистон «Дар бораи реклама» барои ба рӯи об баровардани ин мақсади наҷиб нигаронда шудааст.

**Иброҳим ТЎЛИЕВ,**
**номзади илми таърих.**

## Фишурдаи ахбори расмӣ

Маҷлиси навбатии Комиссияи доимоамалкунандаи ҳукуматӣ оид ба масъалаҳои мустаҳкам кардани тандурустии модарон ва авлоди наврас таҳти сарпарастии раиси комиссияи мазкур, ҷонишини Нахуствазири ҷумҳурият Рустам Азимов ба амал омад. Дар он рафти иҷрои қарори Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ўзбекистон аз 5 июли соли 2002 «Дар бораи тадбирҳо оиди амалӣ гардондани самтҳои устувори баланд бардоштани маданияти тиббӣ дар оила, мустаҳкам кардани тансиҳҳатии занон, беҳдошти тавлид ва ба камол расондани авлоди солим» мавриди муҳокима қарор гирифт.

Зикр ёфт, ки барои ба рӯи об баровардани ин масъала барномаи давлатӣ қабул гардида, ба ин мақсад 96 миллиард сӯм ва 122 миллион доллари ИМА маблағ сарф гардидан пешбинӣ шудааст, ки 40 фоизи он аз ҳисоби буҷаи давлатӣ мебошад.

Оиди ба амал баровардани ин барнома иттилооти Вазорати тандурустӣ, Вазорати молия ва бунёдҳои байналхалқии «Соғлом авлод учун» ва «Ибни Сино» шунида шуданд. Баробари ин рафти сохтмони пунктҳои духтурии деҳот мавриди муҳокима қарор гирифт. Нақшаи кори комиссияи доимоамалкунанда барои нимаи дуюми соли 2002 тасдиқ гардид.

Дар маҷлис ҷонишини Нахуствазири Ҷумҳурияти Ўзбекистон Дилбар Ғуломова иштирок намуд ва суханронӣ кард.

***

Маҷлиси навбатии Кенгаши мутобиқгар оиди рушди бо компутерфарогирӣ ва технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ба амал омад, ки мувофиқи Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон «Дар бораи рушди минбаъдаи ба компутерфарогирӣ ва татбиқи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ» созмон ёфтааст.

Маҷлис таҳти сарпарастии ҷонишини Нахуствазири ҷумҳурият А.Орипов гузашта, масъалаҳои иҷрои қарорҳои маҷлиси гузаштаи Кенгаши мутобиқгар ва рафти тайёр кардани лоиҳаи барномаҳои рушди шабакаи миллии телекоммуникатсияҳо ва дигар манбаъҳои маълумотдиҳӣ, татбиқи технологияҳои электронӣ дар идораи давлатӣ, рушди тиҷорати электронӣ, ҳамчунин таҳияи лоиҳаи қонунҳо «Дар бораи низоми рақамии электронӣ», «Дар бораи муовизаи ҳуҷҷатҳои электронӣ» ва «Дар бораи тиҷорати электронӣ»-ро мавриди баррасӣ қарор дод.

Баробари комёбиҳо оиди муаммоҳои мавҷуда изҳори ақида карда шуд.

***

Маҷлиси мутантан бахшида ба Рӯзи бинокорон ба амал омад. Онро, ки дар қасри «Туркистон» доир карданд, ҷонишини аввали Нахуствазири Ҷумҳурияти Ўзбекистон К.Тӯлаганов бо сухани ифтитоҳӣ кушод. Дар хусуси меҳнати зарбдоронаи бинокорон ҳарф заданд.

Ба бинокорони пешқадам мукофотҳои хотиравӣ супурда шуданд.

Шабнишинӣ бо консерти калони устодону ҳаваскорони санъат ва иҷрогарони ҷавон ба анҷом расид.

Дар тадбир ҳокими шаҳри Тошканд Р.Шоабдураҳмонов иштирок намуд.

***

Донишгоҳи исломи Тошканди назди Девони Вазирони ҷумҳурият бо иштироки олимони номдори шарқшинос, уламо, ҳамчунин омӯзгорону муҳассилини донишгоҳ таҳти унвони «Мазҳабҳо дар дини ислом» анҷумани илмиву амалӣ гузаронд.

Анҷуман таҳти сарпарастии ҷонишини Нахуствазири ҷумҳурият Ҳ.Кароматов гузашт.

Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон З.Ҳусниддинов таҳти унвони «Масъалаҳои таҳаммули динӣ дар мазҳабҳои дини ислом» маърӯза кард. Ҳамчунин маърӯзаҳо таҳти унвонҳои «Решаҳои таърихии суннӣ ва шиа», «Ҳанафия-мазҳаби мӯътадил», «Нақши занон дар мазҳаби ҳанафия», «Рӯшан кардани мавзӯи мазҳабҳо дар манбаъҳои араб», «Диншиносони Фаронса дар бораи мазҳабҳои ислом» хонда шуданд.

Зикр гардид, ки яке аз чораи мубориза ба муқобили таассуби динӣ ин дар асоси илмӣ бо забони соддаву фаҳмо ва услуби дуруст ба аҳли омма расондани дониши зарурӣ дар ин бобат мебошад.

Дини ислом фалсафаи ҳаётӣ буда, вай дар бобати тарбияи аъзоёни ҷамъият дар рӯҳи аз ҳама бузурги инсонӣ, инсонпарварӣ, халқпарварӣ, адолат, ҳалолӣ, эҳтиром нисбати дигар динҳо, тарғиби ахлоқи олиҷанобона нақши калон мебозад ва аз ин рӯ аз таърихи он хабардор шудан, донистани уламо-ҳамватанонамон, ки ба рушди ислом саҳми калон гузоштаанд, ба ҳар кадомамон муҳим буданаш аз тарафи иштирокдорони анҷумани илмиву амалӣ эътироф гардид.

**(ЎзА).**

## ДУ МУЖДА

Чанде пеш ҷамъомади комиссияи зидди эпидемияи фавқулоддаи назди ҳокимияти вилояти Тошканд баргузор гардид.Дар он ҳайъати комиссияи мазкур, роҳбарони шӯъбаҳои ҳокимияти вилоят ва раёсатҳо, муовинҳои ҳокимони шаҳру ноҳияҳо иштирок намуда, таҳти сарпарастии муовини ҳокими вилоят Абдукарим Раҳимбердиев гузашт. Сардухтури раёсати назорати санитария-эпидемиологии давлатии вилоят М. Ўлмасов дар хусуси ҷораву тадбирҳои пешгирӣ намудан ва мубориза бар зидди бемориҳои сирояткунанда иттилоот дод.

Дар ҷаласа вазъияи эпидемиологӣ доир ба бемориҳои сирояткунанда таҳлил гардида, таъкид шуд, ки оиди пешгирӣ намудани чунин вазъиятҳои ғайричашмдошт ҷораву тадбирҳои мушаххас андешида мешаванд.

Бо вуҷуди он дар вилоят фаъол гардондани корҳои тарғиботӣ байни аҳолӣ ва суръати баланд бардоштани мубориза бар зидди ҳар гуна бемориҳои сирояткунандаро тақозо дорад.

Аз рӯи масъалаҳои баррасишуда қарорҳои дахлдор қабул гардиданд.

***

Ба наздикӣ дар ҳокимияти вилоят ҷамъомади навбатии кумитаи тадорук доир ба тайёрӣ ва гузаронидани мусобиқоти «Умид ниҳоллари—2004» доир гардид. Дар он ҳайъати кумитаи ташкилӣ, роҳбарони шӯъбаҳои ҳокимияти вилоят сарварони раёсатҳо, ҳамчунин муовинҳои ҳокимони шаҳру ноҳияҳо оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ иштирок доштанд.

Дар он муовини ҳокими вилоят, муовини раиси кумитаи тадорук А. Раҳимбердиев дар хусуси ҷараёни тайёрӣ ба мусобиқаҳои «Умид ниҳоллари», ки соли 2004 дар вилояти Тошканд баргузор мегардад, иттилоот дод .Қайд гардид, ки дар айни ҳол дар вилоят баҳри дар савияи баланд гузарондани ин тадбири бонуфуз корҳои эҷобӣ амалӣ мегарданд. Дар баробари ин муаммоҳо ва ноқисиҳои мавҷуда бартараф карда мешаванд.

**Ғ. БЕКНАЗАРОВ,**
**паёмнигори рӯзнома дар вилояти Тошканд.**

## Ашёи хом бештар мегардад

Дар Бекобод маҷлиси навбатии Комиссияи ҷумҳурӣ оид ба назорат ва мутобиқсозии тайёркунӣ ва ба азнавкоркард супурдани оҳанпора, партовҳои маъданҳои сиёҳу ранга ба амал омад. Дар он сарварони вазорату идораҳои дахлдор, ҳамчунин мақомоти ҳудудии идора, муассисаҳое, ки бо ҷамъовариву супурдани ашёи хоми туфайлии маъданӣ шуғл меварзанд, иштирок намуданд.

Чуноне ки дар маҷлис, ки таҳти сарпарастии Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон, раиси комиссияи мазкур Исмоил Ҷӯрабеков гузашт, зикр гардид, дар мамлакати мо имкониятҳои калон оид ба вусъат додани ҷамъоварии партовҳои маъданҳои сиёҳу ранга мавҷуданд.Бетаваққуф фиристодани онҳо ба комбинати маъдангудозии Бекобод яке аз вазифаҳои умда ба ҳисоб меравад. Охир, баъди азнавкоркард ин оҳанпора ба ашёи хом мубаддал мегардад, ки барои тамоми намудҳои корхонаҳои саноатӣ хеле заруранд.

Дар маҷлис зикр ёфт, ки дар давраи сипаришудаи сол нақшаи пешбинигардида оид ба ҷамъ овардану супурдани оҳанпора, партовҳои маъданҳои сиёҳу ранга иҷро гардиданд. Баробари ин ташкилотҳову корхонаҳои ҷудогонаи маҳалҳо дар бобати расонда додани ашёи хом ба сусткорӣ роҳ мегузоранд.

Аз ҳамин сабаб дар маҷлис ба сарварони вазорату идораҳои дахлдор, кумитаҳо фармоишу супоришҳои зарурӣ оиди сари вақт таъмин кардани иҷрои нақшаҳои ҷамъоварӣ ва ба азнавкоркард супурдани маъданҳои сиёҳу ранга дода шуданд.

## Гарави ҳосили оянда

Дар ноҳияи Ҷомбои вилояти Самарқанд семинар-машварати ҷумҳурӣ оид ба масъалаҳои гузарондани озмоиши навъҳои пахтае ба амал омад, ки ба мақсади тухми ҳосили соли 2003 ва ба вуҷуд овардани хазинаи боэътимоди тухмӣ рӯёнда мешаванд. Дар кори он кормандони Вазорати кишоварзӣ ва хоҷагии об, сарварон ва мутахассисоне иштирок намуданд, ки бо тухмипарварии пахта шуғл меварданд.

Ҳоли ҳозир тухмӣ дар 972 ҳазор гектар пахтазори ҷумҳурият рӯёнда мешавад. 8 навъи он тезпаз, 12 навъаш миёнапаз, 4-тоаш пешомаднок мебошанд. Дар 44 ҳазор гектар пахтазор навъҳои нав аз озмоиш мегузарад. Агар тухмӣ дар 117 корхона рӯёнда шавад, дар 53 истеҳсолот тайёр мегардад. Тухмие, ки барои ҳосили соли оянда рӯёнда мешавад, барои кишт ба 3 миллион гектар таъин гардидаанд.

Иштирокдорони семинар бо корҳои тухмипарварӣ дар хоҷагиҳои ба номи Х. Низоматов, «Ўзбекистон» ва «Ҳақиқат»-и ноҳияи Ҷомбой ошно гардида, оиди комёбиҳои соҳа ва муаммоҳои мавҷуда мубодилаи афкор намуданд.

**(ЎзА)**

## «Осиёи Марказӣ дар оинаи таърих: аз қадим то кунун»

Таҳти ҳамин унвон конфронси илмии байналхалқӣ дар Осорхонаи давлатии таърихи Темуриён ба амал омад, ки созмондиҳандагони он Фарҳангистони улуми Ўзбекистон ва Донишкадаи фарҳанг ва рушди Осиёи Ҷумҳурияти Куриё буданд.

Дар он олимони номдор, аз Куриёи Ҷанубӣ, ки дар донишгоҳҳои Хандонг, Чунгнам ва Чунгчу, Донишгоҳи кушоди миллии Куриё сабақ медиҳанд, маърӯзаҳо хонданд. Аз Ўзбекистон бошад, намояндагони Фарҳангистони бадеӣ, Донишкадаи шарқшиносӣ, Пажӯҳишгоҳҳои таърих ва шарқшиносии Фарҳангистони улум, Донишгоҳи миллии Ўзбекистон, баромад карданд. Ҳамчунин олимон аз Қазоқистон, ИМА, Фаронса ва Ҷопон иштирок намуданд.

Иштирокдорони конфронсро ноиби президенти Фарҳангистони улуми Ўзбекистон Т. Мирзоев, директори Пажӯҳишгоҳи таърихи Фу Ўзбекистон Д.Алимова ҳамраиси Ассотсиатсияи тадқиқотҳои Осиёи Марказии Куриё Че Хан У муборакбод намуданд. Баъд иттилооти олимони номдори ўзбекистонӣ Э. Ртвеладзе, Т. Қӯзиев, Н. Каримов, Ю. Буряков, М. Филанович, Р. Шаҳобиддинов, Ш. Камолиддин, В. Германов, Ш. Воҳидов, тадқиқотгарони куриёгӣ Че Хан У, Пак Янг Чин, Канг Кёнг Сон, Чин Чанг Вон, Ким Хе Чонг, пажӯҳишгарони амрикоӣ Хон Герберт, Квон Енг Ко, Мин Чонг Те ва тадқиқотгарони қазоқистонӣ Н. Алдабек, Г. Ким шунида шуданд. Аксари маърӯзаҳо аз рӯи манбаъҳое хонда шуданд, ки наву алхол маълум шудаанд. Онҳо маълумотҳоеанд, ки таърихи Осиёи Марказиро аз қадим то кунун дар бар гирифтаанд.

Баъди анҷоми конфронс ҷойгир кардани мақолаҳои беҳтарини он дар маҷаллаи байналхалқии тадқиқотҳои Осиёи Марказӣ дар назар дошта шудааст, ки ба забони инглисӣ дар Сеул рӯи чопро хоҳад дид.

Ҳамин қабил анҷуман бахшида ба таърихи Осиёи Марказӣ соли оянда дар Тошканд гузаронда мешавад. Тадқиқотҳои муштарак, чоп гардидани маводҳои илмӣ дар Ўзбекистон ва хориҷ ба таҳкими ҳамкории байналхалқӣ, кӯмак расондан ба таъмини сулҳу салоҳ бо усули дипломатияи халқӣ баробари ҷалб кардани диққату эътибори аҳли ҷамъият ба он даъват гардидаанд.

**С. ҚУРБОНОВ,**
**ОИ «Ҷаҳон».**

## Анҷумани чорводорон

Дар ноҳияи Тайлоқи вилояти Самарқанд семинар таҳти унвони «Рушди чорводорӣ ва беҳтар кардани зотпарварӣ» ба амал омада, дар кори он кормандони Вазорати кишоварзӣ ва хоҷагии об, намояндагони ташкилоти СММ оид ба озуқаворӣ ва чорво, корхона ва муассисаҳои вилояти Самарқанд иштирок намуданд.

Иштирокдорони он дар хоҷагии ширкатии «Боғизоғон» шуда, бо корҳои соҳаи чорводорӣ ошно гаштанд. Ҳамчунин бо фаъолияти пажӯҳишгоҳи илмиву тадқиқотии қарокӯлпарварӣ ва экологияи дашт шинос шуданд.

**(ЎзА).**

Марҳалаҳои ҳамкорӣ

# Като Сан – дӯстдори Ӯзбекистон

Ҳар кадоме, ки бо профессор Кюдзо Като ошно аст, ӯро аз наздик медонад, хуб сарфаҳм меравад, ки вай то чӣ андоза одами серғайрат, меҳнатдӯст, хоксору оқил асту ҳамчун олим номаш саросари ҷаҳон хеле машҳур гардидааст. Хизматҳои калони ӯро дар бобати тарғиби мероси маънавии мо баҳо додан кори душвор мебошад.

Като-сан ба мамлакати мо 42 маротиба омадааст. На ҳамчун сайёҳ, балки тадқиқотгари босалоҳияту некхоҳ ва ҷустуҷӯгари фарҳанги қадимаи халқи ӯзбек. «Кӯҳи» эҷодиёти ӯро ба дӯстдории мусаввир Хокусай ба кӯҳи муқаддаси Фудзи дар як поя гузоштан мумкин аст. Охир, мусаввири мазкур намуду вазъи ин кӯҳи муқаддасро ба миқдори зиёд дар асарҳояш тасвир кардааст.

Кюдзо Като бори аввал ба кишвари мо соли 1963 омадааст. Филфавр дӯстдори кишвари мо гардида, одамон ва урфу одатҳои онҳоро эҳтиром менамояд. Ӯ пою пиёда бисёр шаҳрҳои моро муоина кардааст, маводҳои нодирро ҷамъ овардааст. Оқибат даҳҳо китобҳоро ба дасти чоп супурдааст. Ана баъзеи онҳо:«Куҳан будани Ӯзбекистони Ҷанубӣ», «Сафар ба ёдгориҳои Осиёи Миёна»,«Дар чорроҳаи Роҳи бузурги Абрешим», «Одамони номдори Осиёи Миёна».

Ба туфайли фаъолияти бисёрсолаи ҷамъоварӣ Като-сан соҳиби нигораҳои бой аз хусуси Ӯзбекистон гардида, онҳоро дар Осорхонаи миллии этнографии Окао маҳфуз медорад. Ҳафриётшинос Баҳодир Турғунов, ки борҳо дар Ҷопон шудааст, нақл мекунад, ки дар осорхонаи мазкур нигораҳо дар бораи ҷумҳурияти мо васеву серқирра аст ва аз ин рӯ онро ду ҳафта ҳам тамошо кардан аз имкон берун аст.

Зардӯзии Бухоро, тоқиҳои ҳархела, маҳсулоти кулолгарии Ғиҷдувону Риштон ва Ғурумсарой, маҳсулоти заргарӣ аз минтақаҳои мухталифи Осиёи Миёна, панҷараҳо, лавҳаҳо,ки аз чӯби дарахти чинор сохта шудаанд, нигораҳои нодири осорхонаи мазкур ба ҳисоб мераванд.

Ва ин ҳазорон-ҳазор нигораҳоро ҷаноби Кюдзо Като солиёни дароз ҷамъ овардааст. Ҳатто аробаи қӯқандиро олим ба мамлакати тӯлӯи Офтоб фиристодааст.

Амиқан ворид гардидан ба моҳияти фарҳанги халқи дигар, ҳис кардани мазмуну мундариҷаи он, ки дар солҳои мухталиф ва садаҳои гуногун ба ҷузъҳои муҳим ва имрӯзҳо хеле нодир гаштаанд, асоси фаъолияти олимро ташкил медиҳад.

Дар Ӯзбекистон беш аз 500 муаррих ва ҳафриётшинос ва паёмнигорони ҷопонӣ меҳмон шудаанд. Дар байни онҳо унвонҷӯи академик Галина Пугаченкова Кэндзо Кавасаки ҳам буд. Мавзӯи рисолаи номзадии ӯ «Санъати тасвирии буддоии Бохтари Шимолӣ дар садаҳои I-IY» буд. Ва ӯ онро ҳимоя намуда, дар олами илми ҷаҳонӣ баҳои баланд гирифт.

Дар навбати худ бисёр олимон ва таҷрибаомӯзони мамлакати мо дар Ҷопон шудаанд. Като-сан яке аз ташаббускорони дар Ҷопон гузарондани намоишгоҳи мусаввири ӯзбек Чингиз Аҳмаров буд.



Като-сан ибораи «ҳама чиз ба худам вобаста аст»-ро борҳо такрор ба такрор ба забон мегирад. Дарҳақиқат, инсон хӯҷаини тақдири хеш аст. Танҳо аз вай сафарабар кардани истеъдоду қобилияти Худодод вобастагӣ дорад. Тақдири Кюдзо Като дар ин бобат низ аҷиб аст. Донишҷӯи Донишкадаи Токио Като соли 1945 ба лашкари Квантун сафарбар гардид. Ба асир афтод. Чор соли расо дар Сибир кор кард. Вале он солҳо беосор намонданд. Вай забони русиро мукаммал омӯхт, маводи заруриро ҷамъ овард, барои ҳимоя намудани рисолаи докторӣ оид ба этнографияи халқҳои Осиёи Шимоли Шарқӣ тайёрӣ дид.

Бо Като-сан ман тобистони соли 1989 ошноӣ пайдо кардам.Нигориши суратдорро дар бораи экспедитсияи ӯзбекистониву ҷопонӣ тайёр мекардам, ки дар димнаи Дилварзинтеппаи Сурхондарё корҳои ҳафриётиро давом дод. Ҳамон вақт олим аз ман илтимос намуд, ки ба рӯзномаи «Сейкс»-и Ҷопон ду сурат фиристам, ки фаъолияти экспедитсияро дар бар мегирифт. Ба Тошканд омада, тавассути оҷонсиамон суратҳоро фиристодам. Баъди се рӯз якчанд нусхаи ин рӯзнома бо маводи чопгардида тавассути шабакаҳои дипломатӣ ба Ӯзбекистон расонда шуд. Дере нагузашта ман боз ба Дилварзинтеппа омадам, то ки нигоришро дар бораи корҳои нодири ҳафриётӣ давом диҳам. Като-сан маро хушу хурсандона пешвоз гирифт ва барои рафтори очилӣ миннатдорӣ изҳор намуда, гуфт:«Рустам, ба ту тӯҳфа доданиам».

Вай ба ман шаш блоки навори слайди «Кодак»-ро тақдим кард.

Ман дар бораи саховатмандии Като-сан бисёр шунида будам. Дар Дилварзинтеппа ӯ аз ҳисоби маблағи хеш хонаи калони дуошёнаро қад кашонду дар он осорхона ташкил гардида, барои зиндагӣ ва истироҳати ҳафриётшиносон кулли шароит фароҳам оварда шудааст. Дар бадали чил сол ба ин ҷо барои амалӣ гардондани корҳои ҳафриётӣ бисёр олимони номдор аз саросари ҷаҳон омадаанд. Ва алҳол ин сохтмон номи «Хонаи Като»-ро ба худ гирифтааст.

Боз як лаҳзаро ба ёд овардан ҷоиз аст. Даҳ сол муқаддам мо ӯро аз майдони ҳавоии Тошканд ба ватанаш мегуселонидем. Вай ба тайёра дар бар ҷомаи ӯзбеконаву миёнбанд баромад. Дар сараш тоқии миллӣ буд ва мегуфт:«Худомӯзи забони ӯзбекӣ». Катои ҳафтодсола ба омӯзиши забони ӯзбекӣ акнун шурӯъ карда буд.

Алҳол синну соли олим ба чое рафта бошад ҳам, се соли охир дар корҳои ҳафриётии Қоратеппаи Тирмизи кӯҳна иштирок дорад. Нақшаи калони эҷодиро кашидааст. Каталоги «Дурдонаҳои нави фарҳанги тоисломии Ӯзбекистон»-ро таҳия намуда, дар Ҷопон бо ҳамин ном намоишгоҳ созмон доданист.

Дар кишвари ҷанубиамон ӯ барои бисёр одамон шахси наздик гардидааст. Ба қарибӣ ба вай унвони «Шаҳрванди фахрии Тирмиз»-ро доданд.

Мамлакати мо ҳиссаи калони олими ҷопониро муносиб қадр намуд. Мувофиқи Фармони Президенти Ӯзбекистон Ислом Каримов Кюдзо Като бо ордени «Дӯстлик» мукофотонида шудааст.

**Рустам ШАГАЕВ,**
**мухбири ӮзА.**

**Дар сурат: профессор Като-сан.**
**Сурати муаллиф.**

Китоби нав

## Асарҳои мунтахаби Шамсӣ Қиёмов

Аз намоёнтарин драманависони тоҷик, ки дар санъати саҳнаи Осиёи Марказӣ чеҳраи шинохтааст, Шамсӣ Қиёмов мебошад. Зиёда аз сӣ асари саҳнавӣ ба қалами ӯ мутааллиқ. Ҳама асарҳои ӯ баробар маҳбубият дорад, аммо мазҳакаи «Дил-дили Зайнаб» дар театрҳои Ӯзбекистон, Туркманистон ва Қазоқистон низ ба саҳна гузошта шудааст. Боз як мазҳакаи ӯ «30 тин ҷарима» аз мазҳакаи номбурда мондани надорад. Шамсӣ Қиёмов маҳз дар жанри мазҳака асарҳои хотирнишон эҷод намудааст.

Ӯ аз драматургони дӯстдоштаи бачаҳо низ мебошад, ки барои онҳо низ чандин асар бахшидааст.

Асарҳои мунтахаби Шамсӣ Қиёмов, ки дар нашриёти «Адиб»-и Тоҷикистон ба чоп расидааст, беҳтарин пессаҳои нависандаро дарбар гирифтааст. «Зебунисо», «Дил-дили Зайнаб», «Ҳодӣ ва Шодӣ», «Хонашерони майдонғариб», «Штраф якуним танга», «Аз бача ҳазар», «Зебаки ширинкор» , «Духтари ҷасур», «Эраҷ паҳлавон» ва «Заргӯши доно» асарҳое мебошанд, ки аз ин китоб ҷой гирифтаанд.

**Холназар ӮРОЛЗОДА.**

Китобиёт

## Ғаввосӣ пешаи ӯ бод!

Дар нашриёти «Зарафшон»-и Самарқанд «Марвориди ишқ» ном маҷмӯаи шеърҳои шоираи умедбахш Парисо (Саодат Алиева) аз чоп баромад. Китоб бо сарпарастии нависанда Адаш Истад чоп шуда, муаллиф онро ба волидайни меҳрубони худ бахшидааст.

Саодат Ализода, ки бо тахаллуси Парисо дар майдони шеърият қадамҳои аввалини худро мегузорад, солҳои мактабхонӣ ба назм дил баста буд. Ҳангоми таҳсил дар мактаби миёнаи рақами 12-и ноҳияи Самарқанд аз нахустустодаш Амина Шарофиддинова бисёр чизҳоро омӯхт. Маҳз бо кӯшишу ғайрати муаллимаи навовару эҷодкор Амина Шарофиддинова Саодат ба эҷодиёти Абулқосим Фирдавсӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Шайх Саъдӣ, Хоҷа Ҳофиз, Ҷалолиддин Балхӣ, Умари Хайёму дигарон дил баст.

Достонҳои зиёди Мирзо Турсунзодаву Лоҳутиро аз ёд кард. Устод Лоиқ, Фарзонаву Нодирпур, Бозор Собиру Гулрухсор адибони дӯстдоштаи вай гардиданд.

Саодат пас аз донишҷӯи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд гардидан шеърҳои худро ба устодони меҳрубонаш Адаш Истад, Ҳазрат Сабоҳӣ нишон дод.Бояд гуфт, ки ин ду марди шарифу дурандеш барои Саодат дари назмро боз ҳам бештар кушоданд. Бо таҳрири Ҳазрат Сабоҳӣ аввалин шеъри Саодат дар рӯзномаи «Овози Самарқанд» рӯи чопро дид. Сипас, пайваста чакидаҳои ӯ дар нашриётҳои гуногуни Ӯзбекистону Тоҷикистон мухлисони шеъриятро шод намуд.

—Хушоянд аст, ки имрӯз духтаре килки эҷодӣ дар даст бо ҷасорати шоирона дар майдони шеърияти тоҷикӣ--форсӣ падид омадааст,— навиштааст дар пешгуфтори нахустмаҷмӯа шоир Хоҷа.—Шоираи ҷавони соҳибистеъдод чун ғаввоси моҳире ба умқи уқёнуси беканори олами шеъри порсӣ сар фурӯ бурда, ҳини шиноварӣ аз жарфнои он «Марвориди ишқ» ва «Гавҳари хушоб»-ӣ асрори шеърро ҷустуҷӯ намуда, ба каф меоваранд ва ба ошиқону мухлисони каломи бадеъ эҳдо намудан мехоҳад. Бигзор ин ғаввосӣ пешаи ӯ бод.

Парисо шоираест, ки чун гули худрӯй дар сафҳаи сафеди шеърият пайдо гардида, олами андешаҳо ва тахайюлоти бадеиаш нозуку нафис ва рангину зебост. Шеърҳои ӯ бо оҳанги табиӣ эҷод гардида, ба гӯшу ҳуши хонандагони худ менишинад ва рӯҳи онҳоро менавозад.

Мо боварии комил дорем, ки вай дар адабиёти тоҷик ба мавқеъ ва номи хос соҳиб хоҳад гашт.

Имсол хурсандии дигар барои вай хатми Донишгоҳи давлатии Самарқанд аст. Мо аз имконияти мусоид истифода бурда, ба ӯ дар олами шеърият комёбиҳои беназир таманно менамоем.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА.**

# «Ҳеҷ неъмат беҳтар аз фарзанд нест»

(Аввалаш дар саҳ.3)

Сарнавишти инсон мураккаб аст. Соли 1950 дар оилаи истиқоматкунандаи деҳаи Арали ноҳияи Қаршӣ Умедака фарзанд (Шоимҷон) ба дунё омад. Вале шодии онҳо тӯл накашид. Шоимҷон ва бародаронаш Болтаю Эркин аз падару модари худ ятим монданд. Хешовандон ба кӯмак омада яке Болтаро, дигаре Эркинро ҳамроҳи худ бурданд. Шоимҷони думоҳаро ба ғайр аз ба хонаи бачагон супоридан дигар чорае набуд.

Солҳо гузашт. Фарзанди калонӣ Болта, ки ба сағирхона супорида шудани додараш Шоимҷонро медонист, ӯро аз сағирхонаҳо ҷустуҷӯ карда пайдо карда натавонист. Додари ӯро бо тақозои тақдир ба сағирхонаи Бухоро оварда буданд. Соли 1954 Файзулло Умедови ғиҷдувонӣ ӯро ба фарзандӣ мегирад. Шоимҷон дар оғӯши ин оила баъди таҳсил дар мактаб ва омӯзишгоҳи касбу ҳунар бинокориро пеша намуда дар корҳои азнавбарқароркунии Тошканд (баъди заминҷунбӣ) фаъолият нишон медиҳад. Ниҳоят баъди адои хизмати ҳарбӣ ӯ ба Ғиҷдувон бармегардад. Файзуллоака ва ҳамсараш Адолатапа бо амри дил Шоимҷонро аз ҳақиқати ҳол огоҳ месозанд. Вай ба идораҳои дахлдори вилояти Қашқадарё бо мақсади дарёфтани хешовандонаш мактуб мефиристонад. Дар ин миён Файзуллоакаино ӯро хонадор намуданд. Оқибат баъди 25 сол хабари хуш ба бародаронаш Болтаю Эркин расида, додари худро меёбанд.

Мундариҷаи китоб аз «Муқаддима», «Сағирхонаҳои аввалин», «Хонаҳои бачагон дар солҳои ҷанг», «Ёдномаю мактубҳо», «Ҷароҳат», «Шӯъбаи вилоятии Хазинаи бачагон» барин қисмҳо иборат аст.Дар бахши хотираҳо аз хусуси онҳое, ки дар сағирхона тарбия ёфта дар ҳаёт мақоми худро пайдо намудаанд, сухан равад, дар қисми «Ҷароҳат» воқеаҳои имрӯза як андоза худро меёбад. Одатан ба сағирхонаҳо бачагоне ҷалб мегарданд, ки аз волидони худ ятим мондаанд. Вале дар ин қисм («Ҷароҳат») сухан аз хусуси бачагони зиндаятиме меравад, ки аз сабаби майпарастию бадахлоқии падару модар онҳо дар чорраҳаи зиндагӣ бепарастор мондаанд.

Шӯъбаи вилоятии Хазинаи бачагон моҳи ноябри соли 1988 таъсис ёфтаст. Расондани ёрии моддию маънавӣ, дастгирӣ намудани «Хонаҳои меҳрубонӣ», мактаб-интернатҳо, ятимону ногиронҳо аз ҷумлаи вазифаҳои ин Бунёд ба шумор меравад.

Дар давраи сипаришуда бахши вилоятии ин Хазина дар ин бобат як қатор корҳои шоёни диққатро ба сомон расонд.

Масалан, баробари ёрии моддӣ ба интернати бачагони бепарастормондаи Ғиҷдувон автомошини «ПАЗ-672» тӯҳфа гардид. Духтурҳо чун ҳомӣ ба ин қабил муассисаҳо вобаста гардиданд.

Дар вилоят бештар аз 5 ҳазор нафар бачагони аз кӯдакӣ ногирон ҳастанд. Бо онҳо машғул шудан, ғамхорӣ зоҳир намудан вазифаи рӯзмарраи мост.

Ҳимояи иҷтимоии бачагон соли ёздаҳум аст, ки аҳамияти давлатӣ касб намудааст. Соли 2000 танҳо барои оилаҳои камдаромади вилояти Бухоро аз ҳисоби буҷа 177 миллион сӯм, барои бачагони то синни 18-сола як миллиарду ҳаштод миллион сӯм маблағ сарф гардид. Барои 30 ҳазор нафар талабагони синфҳои якуми мактабҳоямон ба андозаи 88 миллион сӯм китобҳои дарсӣ, ба андозаи 97 миллион сӯм либосворӣ ҷудо карда шуд.

Дар ин бора мисолҳои зиёд овардан мумкин аст. Вале, ба фикрам, моҳияти асосии кору зиндагӣ ва мақсади моро аз ин гуфтаҳои Президентамон беҳтар ифода намудан имконнопазир аст:

«Фарзандонамон нисбат ба мо бояд беҳтару боақлтар ва албатта, хушбахттар бошанд!»

Зеро ҳақ ба ҷониби Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ аст, ки гуфтааст:

*Ҳеҷ неъмат беҳ аз фарзанд нест,*
*Ҷуз ба ҷон фарзандро пайванд нест,*
*Ҳосил аз фарзанд гардад, коми мард,*
*Зинда бо фарзанд монад, номи мард.*

**Амрулло АВЕЗОВ.**

# Ҳикоят аз таърихи куҳан

Кампиртеппа яке аз мавзеъҳои қадимаи мамлакатамон буда, ҳамагӣ чанд километр дуртар аз шаҳри Тирмиз воқеъ аст. Ба гуфти муаррихон мавзеи мазкур яке аз ёдгориҳои нодири ҳафриётии мамлакат ба ҳисоб мераваду охири садаи 1У то мелод ҳамчун қасри таъиноти мудофиавӣ қад кашидааст. Дар қад-қади роҳи савдо ҷойгир шуда, барои аз Ҳиндустон то Қафқозу Рум рафтани тоҷирон хизмати калоне кардааст. Дар садаҳои I ва II то солшумории мо дар давраи ҳукмронии қӯшунҳо мавқеи ҳарбии худро аз даст дода вазифаи ситоди гумрукиро иҷро карда гирифтаасту ба худ номи «корвонсарой»— ро гирифта будааст. Аз ин хусус дар манбаъҳои таърихӣ бисёр маълумотҳоро пайдо кардан мумкин аст. Аз он ҷумла муаррих ва ҷуғрофияшиноси машҳур Ҳофизи Абрӯ дар хусуси Кампиртеппа маълумоти бисёре нигоштааст. Дар баъзе манбаъҳо Кампиртеппа бо номи Кофирқалъа тавзеҳ дода шудааст.

Дар бобати тадқиқи ин мавзеъ олимони ӯзбекистонӣ С. Савчук-Қурбонов, В. Лунева, А. Восковский. Г. Никитенко, Ш. Устоев, Ҷ. Илёсов, Д. Русанов ва дигарон саҳми калон гузоштаанд. Бисёр намудҳои осори атиқа ба даст омадаанд.

Ҳамаи онҳо алҳол аз аввалин намоишгоҳи археологие ҷой гирифтаанд, ки таҳти унвони «Кампиртеппа шаҳри бохтарии соҳили Окс» дар толори Намоишгоҳи Фарҳангистони бадеии Ӯзбекистон кушода шудааст. Ташаббускорони созмон додани он Фарҳангистони бадеӣ ва Оҷонсии Ҷопон оид ба ҳамкории байналхалқӣ мебошанд.

Тамошогарон бори аввал аз 50 сурати рангаи волобадеие баҳравар мегарданд, ки онҳоро Александр Шепелин ба навор гирифтааст. Ва суратҳои мазкур номои объектҳои таҳқиқгардидаи димнаи афсонавиву саросари ҷаҳон машҳури Кампиртеппаро дар бар гирифтаанд.

Намоишгоҳ то 15 август давом мекунад.

**(Паёмнигори худамон).**

# Турфа олам

## Асрори оилаи мустаҳкам дар чист?

Равоншиноси машҳури Амрико Роберт Левинсон чандин сол боз бо муаммоҳои оила ва оиладорӣ машғул мегардад. Вай тадқиқотҳои чандинсолаи худро ҷамъбаст намуда, рисолаеро таҳти унвони «Асрори оилаи мустаҳкам дар чист?» чоп намуд.

Ва дар он чунин хулосаи олимро қироат кардан мумкин аст: «Зану шавҳаре, ки якҷоя беш аз 15 сол истиқомат кардаанд, нисбат ба онҳое, ки бо муҳаббати гарму ҷӯшон ба ҳам хонадор гаштаанд, дар боби муҳаббат, садоқат ва меҳру оқибат ҳамтое надоранд. Азбаски ҳар кадоми онҳо талхиву ширинии ҳаётро бо ҳам чашидаанд, ба якдигар ниҳоят меҳрубон гаштаанд ва аз ин рӯ зану шавҳаре, ки беш аз 15 сол бо ҳам зиндагӣ кардаанд, ҳеҷ гоҳ барои вайрон шудани оилаи хеш роҳ намегузоранд».

Равоншинос фикри худро тақвият дода, иншо кардааст, ки ҳар чӣ қадар солҳои умргузаронии муштараки ҷуфтҳо тӯлонӣ гардад, меҳру муҳаббат, сабру таҳаммули байниҳамдигарии онҳо ҳамон қадар мустаҳкаму пурзӯртар мегардидааст.

Мутахассисони Донишгоҳҳои Калифорния, Стэнфорд ва Вашингтон ҳам 150 оилаи синну соли аъзоёнашон мухталифро мавриди тадқиқ қарор дода, фикрҳои болоии равоншинос Роберт Левинсонро тасдиқ намуданд. Онҳо иброз доштанд, ки арӯсу домодҳои ҷавоне, ки аз ҳар гуна нобасомониҳо ба дарду алам гирифтор мешаванду баъзан барои аз ҳамдигар ҷудо гаштан ҳаракат мекунанд, набояд дар ин бобат ба саросемагӣ роҳ диҳанд. Агар онҳо сабру таҳаммулро силоҳи асосии худ дар зиндагӣ ва оиладорӣ қарор диҳанд, дар он сурат ҳаёти минбаъдаашон зебову ширин ва хушбахт гардиданаш муқаррар мебошад. Барои ин пеш аз ҳама бояд ба қоидаҳои ақди никоҳ катъан риоя намоянд. Аз баъзе чизҳои майда-чуйдаи зиндагӣ чашм пӯшанд, ҳурмати байниҳамдигариро ба ҷо оваранд. Дар он сурат оилаи онҳо рафта-рафта мустаҳкам мегардад ва ҳаёти ширину фаровон насибашон мешавад.

Олимон зикр кардаанд, ки сирру асрори асосии мустаҳкамии оила ба муҳит сахт вобастагӣ дорад. Агар дар оилае, ки ҳаёт ба сар мебаред, муҳити самимӣ, ҳақгӯӣ, боварӣ ва эътимоду эҳтироми байниҳамдигарӣ ҳукмфармо бошад, дар он сурат ҳамсарон ҳам барои аз он ибрат гирифтан мекӯшанд. Агар шумо ба баъзе камбудиҳои мавҷудаи ҳамсаратон эътибор надода, онҳоро рӯпӯш кунед, дар он сурат ӯро ба инсоне мубаддал месозед, ки як умр орзу карда будаед.

Ва ба ин нуктаҳо аз нигоҳи фалсафа назар афканем, аён мегардад, ки агар аз нуқсонҳои манфии инсон чашм пӯшем, сифатҳои беҳтарини онро тез-тез ба хотираш оварем, дар пеши назаратон ҳамсар ҳарчанд одами бад бошад ҳам ба тезӣ ба одами меҳрубон, дорои фазилатҳои эҷобӣ мубаддал меёбад.

Аз ин рӯ олимони амрикоӣ ба навхонадорон маслиҳат медиҳанд, ки дар бобати аз ҳамдигар ҷудо шудан аз сабаби ситораашон рост наомадан, саросемагӣ зоҳир накунанд, мақбултар аст.

## Делфинҳои мусиқидӯст

Алҳол сурудҳои эстрадӣ маълуму машҳур шуданду баъзе ҷавононамон мусиқии мумтозро ҳатто писанд ҳам намекунанд. Алалхусус, мусиқии мозии симфониву вокалиро. Вале олимон бар онанд, ки ҷараёни мазкур ҳам даргузар асту суруди эстрадӣ касро бештар монда мекунаду хоҳу ноҳоҳ баъд боз бозори мусиқии мумтоз хоҳад тафсид. Масалан, олимонии амрикоӣ марҳалаи аввалини тадқиқотҳои худро дар болои делфинҳо оиди шунидани мусиқӣ ба анҷом расонда, ба чунин хулоса омаданд: инсон ҳатман вақте мерасад, ки ба мусиқии мумтоз дилгарм мегардад. Ба фикри вай, баробари шунидани мусиқии мумтоз делфинҳо яккаву танҳо не, балки тӯда-тӯда шуда ҷамъ меоянд. Махсусан меҳри онҳо нисбати асарҳои Бах, Вагнер ниҳоят баланд аст. Ба онҳо олимон мусиқии тарзи рокро шунавонда, қариб буд, ки ба бало монанд.Чунки ҳангоми иваз кардани он бо наваш яке аз делфинҳо ба рӯи яке аз олим чунон бо думаш «фаровард», ки то ҳол дардашро ҳар замон ҳис мекунад.

Олими дигар Ларс Кнутсони шветсиягӣ бошад, акси гуфтаҳои ӯро баён месозад. Ӯ дар хук таҷриба гузарондааст. Хукҳо аз шунидани мусиқии мумтоз ба дод омада, ҳама ҷоро чаппаву роста кардаанд. Ҳамин ки ба онҳо рокмусиқиро монда доданд, ҳама ба «рақс» даромаданд. Вале як чизро ба алоҳидагӣ зикр кардан лозим меояд: аз ин тадқиқотҳо ба кӣ фоидаву ба кӣ зарар аст, ҳанӯз маълум намебошад. Вале ҳайвонот ҳам чун инсон дӯст доштани мусиқӣ дар бобати тезтар мутеъ сохтани он кӯмаки калон расонданаш ба касе сир нест.

Боз як гап: олимони мо оё гуфта метавонанд, ки садои форами танбуру рубоб, ғижжаку доира ба кадом аз ҳайвоноти маҳалламон мефорида бошад? Дар ин бобат мебояд олимони мо тадқиқот пеш баранд.

## «Маъво»-и болои дарахт

Одатан паррандагон дар дарахтон лона мегузоранд. Оё инсон барои он қодир аст? Қодир будааст. Ба ин рафтори духтараки амрикоие мисол шуда метавонад, ки алҳол дар болои дарахт «маъво» пайдо кардааст. Вай Жулия Хилли 23 -сола буда, шайдои табиат, манзараҳои дилфиреби он гардида, шояд дарахтро манзили худ қарор дода бошад?

Дарҳақиқат, Жулия чандин сол боз аз болои дарахт намефуроад ва рафтори мазкурашро ҳамчун эътироз нисбати саъю кӯшиши ҷангалбурон тавзеҳ медиҳад. Охир, маҳз ба туфайли рафтори бешавқатонаи ҷангалбурон, бисёр навъҳои дарахтон, аз он ҷумла «дарахти сурх» бераҳмона маҳв мегардад.

Вай эътирозашро тавассути матбуот ҳам эълон кард. Ба идораҳои мухталиф номаҳои шикоятӣ навишт. Вале доимо ҷавоби муғлақ мегирифт. Дар гирдиҳамоиҳо бахшида ба ин масъала чандин маротиба иштирок намуда, ба рӯйхати полис ҳам дохил гардид. Аммо фоидае ба даст наомад. Аз ин рӯ ба деҳае кӯчида омада, манзил барқарор кард. Вале рафтори ҷангалбурон боз боиси эътирози вай гардид. «Даст ба гиребони даҳонакӣ» сар шуд бо ҷангалбурон ва маъмурияти заводи «Пасифик Ламбер», ки асосан бо чӯб кор мекард.

Духтарак муҳофизатгари ашаддии табиат будани худро намоиш дода, ба мобайни ҷангалзор омада, як дарахти аз ҳама баландро интихоб карда, манзили худро ба ҳамин ҷо кӯчонд. Дар ҳамин ҷо алҳол ҳаёт ба сар мебараду то ҳол ба ягон кас муяссар нагардидааст, ки дар ин манзили наваш «меҳмон» гардад. Танҳо дӯсташ Майкл ба ин ҷо ҳар замон омада, тавассути ресмон озуқа медиҳад.

Ҷараёни суд оғоз ёфт ва духтар талаб намуд, ки он маҳз дар маъвои ӯ гузаронда шавад. Баъзеҳо ӯро «ноқисақл» гӯён тавзеҳ медиҳанд, ки аламашро тоза мекунад.

Ва ин воқеа кай рух медиҳад, касе пешгӯӣ карда наметавонад.

# Тангаҳои тиллоии Бухоро

Дар бораи софию баландии тиллои Бухоро дар байни мардум ҳар гуна ҳангомаҳо мавҷуд аст.

Дар музей-мамнӯъгоҳи таърихӣ-кишваршиносии вилоятӣ—Арк ҳоло якчанд намуди тангаҳои тиллоии бухорӣ нигоҳ дошта мешавад. Дар рӯи онҳо «Раҳмат бод бар «Масъуми Ғозӣ» дар қафояшон «Зарби Бухорои Шариф» ва санаи зарбшавӣ сабт ёфтааст.

Маълум мешавад, ки ин тангҳо дар давраи ҳукмронии подшоҳи сеюми сулолаи манғитҳо Амир Шоҳмурод (1785-1801) зарб гардидааст. Зеро «Муҷад-дид-уд-дин» («Навкунандаи дин»), «Маъсум «Пон», «Ғозӣ»— барин унвонҳо ба вай тааллуқ дорад. Минбаъд низ бо ҳамин ном зарби тангаҳо идома ёфтааст.

Дар рӯи онҳо «Калимаи таййиба», дар ақибашон «Калимаи тавҳид» нақш бастааст.

**(Паёмнигори худамон).**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир Эсон Турдиқулов.
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора чинда, саҳифабанд гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.
Рӯзнома дар Кумитаи давлатии матбуоти Ӯзбекистон номнавис гардидааст.
Тартиби номнависшуда № 16. Г - 743.
Теъдоди чоп 3000.

Ҳисоби сурати мо дар бонк: Ҳ/С 20212000800101767001, МФО 00423. Шӯъбаи Меҳнати ЖСБ дар шаҳри Тошканд.
Муҳаррири навбатдор: Б. ТӮЙНАЗАРОВ.
Мусаҳҳеҳон: ДОДОБОЕВА М. ФАЁЗОВА Т.
Саҳифабанд: Х. Тухтаева.

Нишонии мо:
700047 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ 133 - 82 - 83; шӯъбаи мактубҳо ва корҳои оммавӣ 136 - 57 - 28.
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ», нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.